Бо қарори ҳайати мушовараи
Вазорати меҳнат ва ҳифзи
иҷтимоии аҳолии ҶТ аз 18
сентябри соли 2004, №46
тасдиқ шудааст.

# МЕЪЁРҲОИ
## муайянкунандаи мақоми муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (омӯзишгоҳи касбию техникӣ, литсейи касбӣ)

Меъёри мазкур татбиқи амалии сиёсати давлатро дар соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ вобаста ба дигаргуншавиҳои муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ, маърифативу фарҳангӣ, демократикунонии сохтори идорӣ ва таълиму тарбия, дар самти тарбияи кадрҳои коргарии ихтисоснок, баландихтисос ва мутахассисони звенои миёна бо назардошти талаботи бозори меҳнат муайян мекунад.

Муассисаи таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолияти худро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», «Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Феҳрасти касбҳо ва ихтисосҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ», Оиннома ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳавӣ амалӣ менамоянд.

Мутобиқи моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ барномаҳои таълимии касбии зерини таҳсилоти ибтидоии касбӣ муттасил ва зина ба зина татбиқ карда мешаванд:

-барномаи ягонаи якҷояшудаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар заминаи таҳсилоти асосӣ (синфи 9) бо гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ дар литсейҳои касбӣ ва омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ бо мӯҳлати таҳсил на кам аз 3 сол (вобаста ба мураккабии ихтисос);

-барномаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар заминаи таҳсилоти асосии умумӣ (синфи 9) бе гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ мӯҳлати таҳсил 1-2 сол, танҳо дар омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ аз рӯи касбҳое амалӣ карда мешаванд, ки донишҳои махсусро талаб намекунанд. Ба мисли касбҳои ресанда, рангмол, андовачӣ, хиштчин ва ғайра.

-таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар заминаи маълумоти миёнаи умумӣ (синфи 11) дар омӯзишгоҳи касбию техникӣ ва литсейҳои касбӣ бо мӯҳлати таҳсил 1-2 сол (вобаста ба мураккабии ихтисос);

-тайёрии касбӣ, маълумоти иловагии касбӣ, аз ҷумла бозомӯзи ва такмили ихтисос бо мӯҳлати таҳсил то 1 сол.

Омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ намуди асосии муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба ҳисоб рафта, дар онҳо

барномаҳои касбии таълимии таҳсилоти ибтидоии касбии таъминкунандаи касбу тахассусе, ки барои фаъолияти мустақилонаи меҳнатӣ кифоянд, амалӣ карда мешаванд.

Омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ метавонанд минтақавӣ, соҳавӣ ва байнисоҳавӣ бошанд.

Дар омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ кадрҳои коргарӣ асосан аз рӯи касбу ихтисосҳои оммавӣ барои соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ бо назардошти мавҷудияти базаи моддию техникии таълимӣ, таъминоти кадрҳои муҳандисию педагогӣ дар асоси талаботи бозори меҳнат тайёр карда мешаванд.

Литсейҳои касбӣ намуди нисбатан нави муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ буда, тарбияи кадрҳои коргарии дорои тахассуси баландро азхуд намудани технологияҳои нави иттилоотӣ, соҳибкорӣ, тиҷоратӣ ва дигар малакаҳои иловагӣ таъмин менамоянд.

Дар литсейҳои касбӣ аз рӯи равияҳои касбӣ соатҳои фанҳои таҳсилоти ҳамагонии ба ихтисосҳои омӯхташаванда наздик ва фанҳои умумикасбӣ аз рӯи баъзе мавзӯъҳо якҷоя карда мешаванд. Аз ҳисоби соатҳои изофагии ба миён омада мавзӯъҳои фанҳои ихтисосӣ чуқуртар омӯхта мешаванд.

Масоҳати таълимӣ барои як хонанда ҳангоми машғулиятҳои таълими истеҳсолӣ дар устохона, сех, лабораторияҳои таълимӣ аз рӯи шумораи ҷойҳои кории таҷҳизонидашудаи (як дастгоҳ барои ду нафар, яъне дар ду баст) муайян карда шудааст. Дар муассисаҳои таълимие, ки дар деҳот ҷойгир шудаанд ва барои соҳаи кишоварзӣ кадрҳои коргарӣ тайёр менамоянд, дар заминҳои хоҷагии таълимӣ барои як нафар хонанда бояд 0,2 га замин ҷудо карда шавад. Агар муассисаи таълимӣ замини хоҷагии таълимӣ надошта бошад, дар ин сурат машғулиятҳои таълими истеҳсолии хонандагон дар заминҳои колхозу савхозҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ дар асоси шартномаҳо, ки байни муассисаи таълимӣ ва ташкилотҳои дар боло номбаршуда баста шудаанд, гузаронида мешаванд. Масоҳати таълимӣ ва истеҳсолӣ вобаста ба намуди муассисаи таълимӣ дар алоҳидагӣ ба таври мушаххас муайян карда мешавад.

Сохтори муассисаҳои таълимӣ вобаста ба ихтисосҳое, ки муассисаҳои таълимӣ аз рӯи онҳо мутахассис тайёр мекунанд, муайян карда мешавад. Масалан, парки трактору автомобил барои муассисаҳои таълимие, ки аз рӯи ихтисосҳое, ки ба воситаҳои нақлиёти автомобилӣ, кишоварзӣ, сохтмон вобастаанд хос мебошад.

Дар литсейҳои касбӣ омӯзиши касбу ихтисосҳои мураккаб ва ба ҳам наздики коргарӣ, ки тахассуси баландро талаб мекунанд амалӣ карда мешаванд. Литсейҳои касбӣ равиявӣ буда барои соҳаҳои муайяни хоҷагии халқ кадрҳои коргарии баландихтисос тайёр мекунанд. Бо назардошти рушди минбаъдаи соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ ин муассисаҳои таълимӣ аз рӯи соҳаҳои муайян номгузорӣ шудаанд.

Дар ҳолати мавҷудияти зинавияти таълим литсейҳои касбӣ метавонанд вобаста ба талаботи бозори меҳнат мутахассисони дорои таҳсилоти миёнаи касбиро дар мувофиқа бо Вазорати иқтисод ва савдои

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёр кунанд.

Дар литсейҳои касбӣ, ки дар онҳо зинавияти таълим ба роҳ монда шудааст, барномаҳои ягонаи якҷояшудаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бо мӯҳлати таҳсили 3-4 сол метавонанд татбиқ карда шаванд.

Литсейҳои касбӣ бо муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ ва таҳсилоти олии касбии соҳавӣ оиди тарбияи кадрҳо метавонанд шартномаҳои ҳамкорӣ дошта бошанд.

Илова бар ин меъёрҳои зерини фарққунанда байни Омӯзишгоҳи касбию техникӣ ва Литсейи касбӣ муқаррар карда мешаванд:

| № | Нишондиҳандаҳо | Омӯзишгоҳи касбию техникӣ | Литсейи касбӣ |
|---|---|---|---|
| 1. | Соҳаи таҳсилот | Соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба талаботи минтақа ва мавҷудияти базаи моддию таълимӣ, таъминот бо кадрҳои муҳандисию педагогӣ | Соҳаи муайяни хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба мавҷудияти базаи моддию таълимӣ, таъминот бо кадрҳои муҳандисию педагогӣ, талаботи бозори меҳнат, вобаста ба талаботи минтақа |
| 2. | Қабули хонандагон | Дар асоси сӯҳбат | Дар асоси озмун (имтиҳонҳои дохилшавӣ) |
| 3. | Шакли таълим | Рӯзона, шабона, экстернат | Рӯзона, ғоибона, экстернат |
| 4. | Дараҷаи тахассусӣ | Мӯқарраргашта: 3 | Мӯқарраргашта: 4-5 |
| 5. | Сатҳи таҳсилот | Таҳсилоти ибтидоии касбӣ | Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ |
| 6. | Теъдоди хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ | На камтар аз 180 нафар | На камтар аз 240 нафар |
| 7. | Теъдоди хонандагон дар як гурӯҳ | 25-30 нафар | 15-20 нафар |
| 8. | Масоҳати таълимӣ ва лабораторӣ барои як нафар хонанда | На камтар аз 4 м2 | На камтар аз 5 м2 |
| 9. | Таъминот бо муаллимони фанҳои таҳсилоти ҳамагонӣ (тибқи дараҷаи тахассусӣ):<br>• олӣ<br>• якум<br>• дуюм<br>• бедараҷа | <br><br><br><br>на камтар аз 10%<br>на камтар аз 30%<br>то 50%<br>то 20% | <br><br><br><br>на камтар аз 15%<br>на камтар аз 40%<br>то 35%<br>то 10% |
| 10. | Таъминот бо муаллимони фанҳои касбӣ (тибқи дараҷаи тахассусӣ):<br>• олӣ | <br><br><br>на камтар аз 10% | <br><br><br>на камтар аз 15% |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | • якум<br>• дуюм<br>• бедарача | на камтар аз 30%<br>то 50%<br>то 20% | на камтар аз 45%<br>то 30%<br>то 10% |
| 11. | Таъминот бо устоҳои таълими истеҳсолӣ (тибқи дарачаи тахассусӣ ):<br>• якум<br>• дуюм<br>• бедарача | на камтар аз 40%<br>на камтар аз 30%<br>то 20% | на камтар аз 50%<br>на камтар аз 40%<br>то 10% |
| 12. | Таъминот бо адабиётҳои таълимию методӣ | На камтар аз 70% | На камтар аз 80% |
| 13. | Миқдори ҷои нишаст дар қироатхона | На камтар аз 20 ҷой | На камтар аз 30 ҷой |
| 14. | Тарбияи кадрҳо | Коргари ихтисоснок | Коргари баландихтисос, мутахассиси дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ (дар ҳолатҳои алоҳида) |
| 15. | Зинавияти таълим | Таҳсилоти ибтидоии касбӣ | Таҳсилоти ибтидоии касбӣ.<br>Таҳсилоти миёнаи касбӣ (дар мавриди зарурат) |
| 16. | Иловапулӣ ба маоши кормандон | Иловапулӣ аз ҳисоби маблағҳои махсус | Кормандони муҳандисию педагогӣ ва роҳбарият аз ҳисоби буҷа 10% иловапулӣ мегиранд.<br>Иловапулӣ аз ҳисоби маблағҳои махсус. |
| 17. | Шартномаҳои ҳамкорӣ | Шартномаҳои ҳамкорӣ бо корхона ва муассисаҳо | Шартномаҳои ҳамкорӣ бо корхона ва муассисаҳо, инчунин бо муассисаҳои таълимии миёнаи касбӣ ва олии касбии соҳавӣ |
| 18. | Омӯзиши иловагӣ | Тайёрии касбӣ, курсҳои кӯтоҳмуддат, бозомӯзӣ, такмили ихтисос; | Омӯзиши технологияи нави иттилоотӣ, соҳибкорӣ, тиҷоратӣ ва дигар малакаҳои иловагӣ; тайёрии касбӣ, курсҳои кӯтоҳмуддат бозомӯзӣ, такмили ихтисос; |
| 19. | Вақти мошини компюте-рӣ барои як хонанда дар як соли таҳсил | На камтар аз 4 соат | На камтар аз 6 соат |
| 20. | Шумораи компютерҳо ба 100 нафар хонанда | 3 адад компютер. Ба истиснои ихтисосҳое, ки омӯзиши онҳо бо | 4 адад компютер. Ба истиснои ихтисосҳое, ки омӯзиши онҳо бо |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | компютер вобаста мебошанд | компютер вобаста мебошанд |
| 21. | Шумораи нашри мақолаҳо ва дастурҳои илмию методӣ дар як соли хониш | На камтар аз 3 номгӯй коркардҳои методӣ ва илмию методӣ | |